СОЛИ НАВАТОН МУБОРАК, УСТОДОН ВА ДОНИШҶЎЁНИ АЗИЗ!

# Ворисони Сино

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*

НАШРИЯ АЗ МОҲИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 1958 ЧОП МЕШАВАД

Нишонаи электронӣ: **vsino@tajmedun.tj** Сомона: **www.tajmedun.tj**

**№ 1 (2069) 2 ЯНВАРИ СОЛИ 2019**

**НАШРИЯИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБЎАЛӢ ИБНИ СИНО**

## ТАБРИКОТИ ректори донишгоҳ, д.и.т., профессор Гулзода М.Қ. ба муносибати Соли нави милодии 2019



***Устодони гиромиқадр ва донишҷўёни азиз!***

Шуморо бо фаророрасии Соли нави милодии 2019 аз самими қалб табрику муборакбод гуфта, ба ҳар кадоматон бахту иқбол, рўзгори хушу осуда тандурустӣ ва барору комёбиҳои беназири кору фаъолиятро таманно намоям.

Соли сипаришуда, дар таърихи навини тоҷикон бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад гашт, зеро маҳз дар ҳамин соли пурфайз мардуми мамлакат таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фатҳи боз як қуллаи мақсуд- ба кор андохтани чархаи аввалини Нерўгоҳи барқи обии Роғун ноил гаштанд, ки ин ҳодисаи муҳим, бешак дар рушду тараққии минбаъдаи иқтисодиёти кишвар ва беҳтар гаштани дараҷаи некўаҳволии сокинони он нақши босазо хоҳад гузошт. Соли гузашта дар доираи «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар мамлакат чорабиниҳои зиёди илмию фарҳангӣ баргузор гашта, иншоотҳои нав ба нави варзишию фарҳангӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Хурсандибахш аст, ки аҳли донишгоҳи мо низ соли сипаришударо дар ҳама самтҳои фаъолият бо нишондиҳандаҳои хуб ҷамъбаст намуданд. Аз ҷумла, дар се курси аввали ҳамаи факултетҳои донишгоҳ низоми кредитии таълим бомуваффақият ба роҳ монда шуд, ки ин ба 4-5,1% баланд шудани сифати таълим мусоидат намуд. Бори аввал дар таърихи донишгоҳ санҷишҳои амалӣ тариқи ОСКЭ тибқи талаботҳои байналмилалӣ қабул карда шуда, натиҷаи таҷрибаомўзии Соли таҳсили клиникии донишҷўёни курси 6-уми факултети тиббӣ дар Маркази омўзиши малакаҳои амалии донишгоҳ (МОМА) мавриди санҷиш қарор гирифт. Дар ин сол Ассотсиятсияи донишҷўёни тибби Тоҷикистон (TMSA) таъсис ёфта, ба узвияти Ассотсиятсияи тиббии ҷаҳонӣ (IFMSA) пазируфта шуд.

Фаъолияти донишгоҳ дар самти равобити байналмилалӣ хеле ҷоннок гашта, мубодилаи академии байни донишҷўёну омўзгорони ДДТТ ба номи Абўалӣ ибни Сино бо муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии Федератсияи Россия, Қазоқистон, Беларус, Ўзбекистон ва Литва ҷиҳати идомаи омўзиш дар давраи семестри баҳорӣ ва гузаштани давраи тарибаомўзӣ густариш ёфт.

Дар соли сипаришуда 10 лоиҳаи инвеститсионӣ дар донишгоҳ бо маблағгузории ташкилотҳои байналмилалӣ, ба мисли Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ, DAAD, Лоиҳаи Темпус, Erasmus + ва ғайраҳо ба таври самарабахш амалӣ гардонида шуд.

Соли гузашта дар донишгоҳ бори аввал Конференсияи муштараки байналмилалии олимон, табибон, фарҳангшиносон ва забоншиносони макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ-таҳти унвони «Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии кишварҳои Аврупову Осиё» бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» баргузор гардид. Донишгоҳамон дар соли сипаришуда дар озмуни ҷумҳуриявии корҳои ободонӣ барои сохта ба истифода додани Маҷмааи варзишию фароғатӣ ва майдончаҳои бозии кўдакон бо “Ифтихорнома”-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саарфароз гардонида шуд.

Боварӣ дорам, ки соли нави 2019 барои мардуми соҳибтамаддуни кишвари мо оғози марҳилаи нави корҳои бунёдкорию созандагӣ гашта, устодони Донишгоҳи тиббӣ ҳам дар самти омўзиш ва беҳтар кардани сифати омодасозии мутахассисони ҷавони тиб ба дастовардҳои боз ҳам назаррас ноил мегарданду донишҷўён бо дониши хубу аъло ва ахлоқи ҳамида эътибори донишгоҳро боз ҳам афзун месозанд.

**Соли наватон муборак, устодону донишҷўёни азиз!**



# Ҳафтаи байналмилалии таҳсилот дар доираи лоиҳаи Эразмус +

***Соли сипаришударо барои донишгоҳ барҳақ метавон соли пурбаракати рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ номид. Аз ҷумла, тавассути сайъу кӯшишҳои роҳбарият ДДТТ номи Абӯалӣ ибни Сино иштирокчии лоиҳаи байналмилалии таълимӣ дар доираи лоиҳаи Erasmus + "Таҳкими шабакаи таҳсил, илм ва инноватсия дар соҳаи беҳдошти муҳити зист дар Осиё" мебошад.***




Мақсади ин лоиҳа тақвият додани тавонмандии тадқиқот дар соҳаи беҳдошти муҳити зист (нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ), мусоидат намудан ба мубодилаи фаъоли иттилоотӣ дар байни муассисаҳои олии Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ мебошад.

Аз 22 то 26 ноябри соли 2018 ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар доираи барномаи мазкур, ҳафтаи байналмилалии таҳсилот ва илмро ташкил намуд, ки ҳадафи он гузаронидани лексияҳо ва семинарҳо барои донишҷӯён, магистрон, PhD докторантон ва омӯзгорони соҳаи нигаҳдории тандурустии ҷамъиятии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, инчунин таҳия ва амалисозии ECTS (Системаи интиқоли Аврупой ва ҷаъмоварии кредитҳо) барномаи якҷояи магистрӣ оиди омӯзиши омехта дар Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон мувофиқи принсипҳои системаи Баллонии таҳсилот мебошад.

Ҳамзамон, ба иштирокчиёни лоиҳа имконият фароҳам оварда шуд, то дар 66-умин конференсияи илмӣ-амалӣ, ки дар санаи 23-юми ноябри соли ҷорӣ дар донишгоҳ баргузор гардид, бо маърузаҳои худ вобаста ба масъалаҳои мубрам, вобаста ба нигаҳдории тандурустӣ баромадҳо намоянд.

Ҳамчунин, ректори донишгоҳ д.и.т., профессор Гулзода М.Қ. профессор Герт ван дер Лаан - (Донишгоҳи Милан, Италия), Кенеш Ҷусупов – ҳамоҳангсози лоиҳа (Мактаби байналмилалии тиббӣ, Қирғизистон) ва Назокат Қосимова – коршиноси (эксперт) беруна доир ба лоиҳа, Ӯзбекистан)-ро, ки шариконии лоиҳа мебошанд, ба ҳузур пазируфт. Бояд қайд намуд, ки Назокат Қосимова лоиҳаи мазкурро мониторинг гузаронида, бо ҳар як иштирокчиёни лоиҳа мубоҳиса гузаронид. Шариконии лоиҳа аз натиҷаҳои бадастомада ва меҳмоннавозии ДДТТ ба Абӯалӣ ибни Сино хеле хушнуд гардиданд.

Боиси хушнудист, ки дар доираи лоиҳа 3 гурӯҳи корӣ аз намояндагони кишварҳои гуногун барои таҳия ва татбиқи таълими омехта дар Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон ва гурӯҳи корӣ аз ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо роҳбарии докторанти PhD аз кафедраи беҳдошти муҳити зист Эгамназаров Ҳусейн Назарович бо мақсади таҳия ва татбиқи усулҳои нави таълимӣ "Таълими омехта» дар факултаи нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ ташкил карда шуд. Ба итмомрасонии барномаи мазкур дар моҳи майи соли оянда дар шаҳри Остонаи Қазоқистон ба нақша гирифта шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки меҳмонон барои татбиқ ва ҷорӣ намудани таълими омехта дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино изҳори хушнудӣ намуда, аз дастгириҳои бевоситаи ректори донишгоҳ д.и.т., профессор Гулзода М.Қ. арзи сипос намуданд.

Ҳамчунин, ҳайати ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо шариконии асосии лоиҳа мулоқот баргузор намуда, роҳҳои имконпазири иштироки ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар лоиҳаи байналмилалиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар анҷом, меҳмононро аз ҷойҳои ҷолиби диққати шаҳри Душанбе ва Қалъаи Ҳисор тамошо дода, чорабиниҳои фарҳангиву фароғатии гуногун гузаронида шуд.



**Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ**

# Калиди дари дониш

***Аз сари сад минбар***
***афтоданд нозирҳои ӯ,***
***То наафтад аз забони***
***хештан***
***Дар сари сад дор ҷон***
***доданд шоирҳои ӯ,***
***То нафатад бар замин***
***қадри сухан.***

Сухан ганҷи бузургест, ки баробари аз забон баромадан, чун дурри гарон диққати шунавандаро ба худ ҷалб мекунад. Сухан ба мисли тирест, ки баробари аз камон ҷастан метавонад касеро ё чизеро ҳалок созад. Сухан доруеро мемонад, ки бемореро қуввату мадор, ҳастию тавон, нерую ҷон ва солимонро заковату ибрат мебахшад.

Бешак, шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар ки дар нутқ одоб риоят накунад, аз ин шараф бебаҳра мемонад:

***Беҳтарин гавҳари***
***ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,***
***Гар сухан ҷон набувад***
***мурда ҷаро хомӯш аст.***

Бузурге гуфтааст: «Ай инсон сухане гӯй, ки маъшуқаҳо Лайлӣ шаванду ошиқон Маҷнун, ақлхои хуфта бедор шавад у дилхои мурда ҷондор. Сухане гӯй, ки таҷассумгари некӣ бошад, инсониятро якҷоя кунад. Сухане гуй ки болу пари симурғ дошта бошаду макону замонхоро тай кунад. Ҷоно, агар ин ҳама кудратро суханонат надошта бошад, хомӯш бош ва ҳарф мазан».

Сухан агар пуобуранг, бомаврид, дилчасп ва таъсирбахш бошад, гӯяндаро машҳур менамояд. Сухани беҷою бемаврид дилхарош асту дурушт ва метавонад наздиконро дур ва дӯстро душман созад.

Донишманди Юнони қадим Эзоп дар бораи суду зиён ва манзалату бузургии забон фармудааст:

Чи чиз беҳтар аз забон шуда метавонад, ки калиди дари дониш ва силоҳи ҳақиқату хирад аст. Дар ҳолате, ки забон ҳарф мезанад, ҳақро ба субут мерасонад.

Инчунин, дар қатори хубиҳо забонро бадтарин чизи дунё номидааст, зеро забон оғози фитнаву бахсу ҷанҷолҳо ва дасисаву балоҳост, дурӯғ мегӯяд, дурустро нодурусту нишон медиҳад, нафрин мехонад ва ҳиллаву фиреб ба кор мебарад. Пас ҷӣ чизе аз ин бадтар шуда метавонад.

Дар ҷавоби ин суханон шоири бузург Ҷалолиддини Румӣ чунин мегӯяд:

***Оламеро як сухан вайрон***
***кунад,***
***Рӯбаҳони мурдаро шерон***
***кунад.***

Сухан оғозу анҷом аст, сухан дард аст, сухан хушию илҳом аст, ки онро инсони бузург офаридааст. Ҳар як суханро дар тарозуи ақлу хирад баркашида, сипас ба шунаванда расонед. Бояд кӯшид, ки суханвари асил буд, бояд дили ҳамагонро бо сухани бообуранг ба даст оварду ба касе ҳузури ҷону зӯру тавон бахшид.

Мо табибони оянда бояд бар он талош намоем, ки сухани нарму лафзи ширин дошта бошем, то ки дар дили беморон аз суханони гуфтаи мо умеди дуборае ба зиндагӣ пайдо гардад.

**Маъсумаи Абдулмумин,**
**роҳбари маҳфили**
**«Дӯстдорони китоб»-и**
**факултети НТҶ**

*Устодони мо*

# Н А К Ӯ Н О М

***Бешак инсоне, ки умри азизи худро ба меҳнати софдилона ба нафъи халқу Ватан бахшида, тӯли солҳо касби худро бо дили гарму маҳорати воло пеш бурдааст, соҳиби номи баланд ва барои атрофиёнаш шахси азизу соҳибэҳтиром мегардад. Хоса онҳое, ки ризқу рӯзии худро аз пушти касби омӯзгорӣ пайдо мекунанду ин пешаи пуршарафро дар алоқамандӣ бо илм пеш мебаранд, ба ҳама гуна иззату эҳтиром ва шарафмандӣ сазовор мебошанд.***



Устоди кафедраи физикаи тиббӣ бо асосҳои технологияи иттилоотӣ Меликӯзӣ Ҳамидович Мирзоахмедов маҳз аз зумраи ҳамин гуна инсонҳои шарифе аст, ки беш аз панҷоҳ соли умри пурбаракати худро сарфи пешаи омӯзгорӣ намуда, бо меҳнати ҳалолу софдилона, ҷустуҷӯҳои пайвастаи эҷодӣ, масъулияти баланди кориаш дар байни якчанд насли дастпарварони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун устоди варзида ном баровардааст. Меликӯзӣ Ҳамидович касбашро тасодуфан интихоб накардааст. Ҳанӯз вақте ки дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 3-и ноҳияи Рӯдакӣ таҳсил мекард, ба машғулиятҳои устоди фанни физикаи таълимгоҳ Аҳтамҷон Давидов таваҷҷуҳи зиёд пайдо кард. Устод ҳам қобилияти фавқулоддаи Меликузии ҷавонро ба ин фан ба зудӣ пай бурда, пайваста кӯшиш менамуд, ки бо ӯ машғулиятҳои иловагӣ гукзаронида, асрори ин фанни дақиқро ба Меликузӣ бештар кушояд. Соли 1960 Меликӯзӣ Мирзоахмедови 16-сола мактаби миёнаро бо медали нуқра хатм намуда, ба факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (имрӯза ДМТ) ҳуҷҷат супорид ва аз имтиҳонҳои дохилшавӣ бомуваффақият гузашта, толибилми ин даргоҳи бонуфуз гардид. Соли 1964 Меликузиро барои иҷрои рисолаи дипломӣ ба Донишгоҳи кӯҳшиносии ба номи Скоченскийи АИ СССР фиристоданд ва донишҷӯи ҷавони тоҷик рисолаи дипломиашро дар мавзӯи «Муайян кардани $MnO_2$ дар маъдани перелозит бо ёрии нейтронҳо» бомуваффақият ҳимоя карда карда, ҳамчун мутахассиси баландпояи соҳаи интихобкардааш ба Ватан баргашт. Баъди хатми донишгоҳ муддати ду сол дар кафедраи физикаи ядроии донишгоҳ ба сифати ассистент ва муаллими калон иҷрои вазифа намуд. Соли 1967 бошад, ҳуҷҷатҳои худро ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва ба номи М.Ю. Ломоносов супорид ва ӯро барои кору фаъолияти илмӣ ба кафедраи «Ҳиссачаҳои элементарӣ»-и Пажуҳишгоҳи муттаҳидаи тадқиқотҳои ядроии шаҳри Дубна роҳхат доданд. Воқеан, шаҳри Дубнаро то имрӯз ба таври дигар Наукоград, яъне илмшаҳр ҳам мегӯянд ва дар ин ҷо беҳтарин мутахассисони соҳаи физикаи ядроиро ҷамъ меоранд. Ба ин маркази пурнуфузи илмӣ фиристодани Меликузии ҷавон худ аз қоблияти баланди ин пажӯхишгари ояндадор ва эътирофи он аз тарафи мутахассисони баландпояи рус дарак медод. Инро Меликузӣ Ҳамидович ба хубӣ ҳис мекард ва аз рӯзҳои аввал кӯшиш ба харҷ дод, ки сазовори ин боварӣ кору фаъолият намояд. Фаъолияти илмиашро М.Ҳ.Мирзоахмедов таҳти сарварии олими варзидаи рус, Аъзои вобастаи АИ СССР Ф.Л. Шапиро пеш мебурд. Рисолаи номзадиаш «Парокандашавии нейтронҳои энергияашон 2,5 квт дар ядроҳои проседим ва лантан» аз пажуҳишгар талошу заҳматҳои зиёдеро талаб менамуд. Меликузӣ Ҳамидович тӯли се сол барои ҳимояи рисолаи номзадиаш шабу рӯз меҳнат намуд, вале афсӯс, ки дарди ногаҳонии меъда имкон надод, ки корро то охир ба анҷом расонад. Ноилоҷ барои табобат ба Ватан баргашт. Ба бемориаш нигоҳ накарда, боз дар кафедраи физикаи ядроӣ ба ҳайси омӯзгор ба кор даромад. Аз соли 1976 то соли 1983 бошад, вазифаи масъулиятноки сардори шуъбаи илми ДДТ-ро ба зима дошт.

Соли 1983 дар фаъолияти илмию таълимии Меликузӣ Ҳамидович гардиши куллӣ ба амал омад. Азбаски он солҳо тавҷҷуҳи хориҷиён ба Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистн ба номи Абӯалӣ ибни Сино зиёд гашта, алккай қариб аз 25 давлати хориҷӣ толибилмон дар ин ҷо таҳсил менамуданд, М.Ҳ.Мирзоахмедовро барои кору фаъолияти минбаъда ба ин маркази омодасозии мутахассисони олидараҷаи тиб даъват намуданд. Муддати як сол дар кафедраи физикаи тиббӣ ба ҳайси муаллими калон фаъолият намуд. Солҳои 1984-91 бошад, вазифаи декани шуъбаи омодагии қаблии донишҷӯёни хориҷиро ба ӯҳда дошт. Ва баъдтар боз ба кафедраи физикаи тиббӣ баргашта, инак солҳои зиёд аст, ки ба табибони оянда мушкилиҳои фанни дӯстдоштаашро меомӯзонад.

-Асри 21-ро асри технология меноманд, аз ин рӯ мутахассиси оянда кадом соҳаеро, ки интихоб накунад, бояд фанни физикаро ба хубӣ аз худ намояд, зеро имрӯз дар тамоми соҳаҳои илми тиб технологияҳои навтарин арзи ҳастӣ намудаанд, ки барои бо онҳо сару кор гирифтан бояд кас ба омӯзиши фанни физикаба таври ҷиддӣ машғул гардад,-мегӯяд Меликузӣ Ҳамидович.

Дар ҳақиқат, солҳои охир шароитҳои кору таҳсил дар Донишгоҳи тиббӣ хеле беҳтар гаштаанд. Меликулӣ Ҳамидович махсусан, аз ободкориҳои ду-се соли охир дар донишгоҳ бо самимияти хоса ҳарф мезанад. Имрӯз, кафедраи физикаи тиббӣ бо асосҳои технологияҳои иттилоотӣ дар бинои навбунёди шаҳраки «Шифобахш» ҷойгир гашта, барои таълими дурусти мутахассисони оянда имкониятҳои фаровонеро доро мебошад. Устоди варзида М.Ҳ.Мирзоахмедов кӯшиш менамояд, ки бештари вақти кори худро бо донишҷӯён гузаронад. Махсусан, ба гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ диққату эътибори ҷиддӣ медиҳад. Аксар вақт ӯро дар иҳотаи шогирдон вохӯрдан мумкин аст. Ҳамчун омӯзгор ниҳоят серталаб аст, вале лаҳзаҳои мушкил кӯшиш менамояд, ки сари вақт ба шогирдон дасти кӯмак дароз намуда, ба ҳар роҳе, ки набошад онҳоро ба имтиҳону санҷишҳо дуруст омода намояд.

Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ устод Меликузӣ Ҳамидович Мирзоахмедов ҳамчун донандаи хуби соҳаи физикаи ядроӣ оид ба масоили гуногуни нейтронҳо ва нимноқилҳо пайваста пажӯҳишҳои илмӣ бурда, дар маҷаллаҳои илмии ватанию хориҷӣ бештар аз 25 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст. Ӯ ифтихор дорад, ки имрӯз дар ин даргоҳи овозадори илмӣ шогирдонаш -номзади илмҳои педагогӣ, дотсент А.А.Тӯйчиев, номзадҳои илми химия, дотсентон И.У.Файзилов ва А.Абдураззоқов бомуваффкият дар паҳлӯяш кору фаъолият карда, дар таълиму тарбияи мутахассисониояндаи тиб самгузорӣ менамояд.

Меликузӣ Ҳамидович Мирзоахмедов дар рӯзи фарорасии соли нави милодӣ ба сини муборaки 75-солагӣ расиданд. Бо ин синни муборак устоди соҳибэҳтиром ва омӯзгори варзидаро аз номи кули шогирдонаш табрику таҳният гуфта, ба он кас саломатии бардавом, саодати рӯзгор ва бурдбориҳои тоза ба тозаи кору эҷодро таманно менамоем.

**С.Т.Ибодов, д.и.т., профессор,**
**Д.С.Шерматов, д.и.ф-м., профессор**

## Ҳар ки хандонад ятими хастаро...



Асосгзори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ ҳамеша аз мардуми кишвари азизамон даъват ба амал меоранд, ки ба ятимону бепарасторон дасти шафқат дароз кунанд. Чунончи, Пешвои муаззами миллатамон дар яке аз суханрониҳои худ гуфта буданд: “Ман чунин меҳисобам, ки дасти сахо доштан яке аз беҳтарин хислатҳои неки инсонӣ буда, дар тарғиби ғояҳои инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ ва саховатпешагӣ дар байни ҷомеа нақши бузург мебозад”.

Кормандони масъули деканати факултети тиббӣ дар асоси ин дастуру ҳидоятҳо рӯзи 17 декабри соли ҷорӣ дар арафаи Соли нави милодии 2019 ба аёдати ятимону бепарасторони Муассисаи давлатии “ Хонаи бачагони №2” ш.Душанбе рафтанд. Муовинони декани факултет Бурҳонова З.У. ва Сатторов Д.Қ. бо як гуруҳ донишҷӯёни курсҳои 1-2 ба хонаи кӯдакон омада, бо онҳо суҳбатҳои шавқовар доир намуда, ба онҳо тӯҳфаҳои солинавӣ тақдим карданд. Хурсандии кӯдакон ҳадду канор надошт.

# Иқдоми нек



Рӯзҳои 19- 21 уми декабр дар арафаи Соли нав бо роҳбаладии устодони кафедраи забони русӣ донишҷӯёни курси якуми гуруҳҳои 1,2, 3-и факултети стоматологӣ ва 4 ва 6 гурӯҳҳои педиатрӣ иқдоми некро пеша карда, бо тӯҳфаҳое, ки ба маблағи ҷамъовардаи донишҷӯён ва кураторони гурӯҳҳо (Хайрова Ҳ.И., Шарипова З.И., Холматова М.А., Ҳалимова Х.А., Алиева Н.Ш. харида шуда буданд, ба дидани кӯдакони бепарастор ба хонаи кӯдакони №2 , ки дар ноҳияи Сино ҷойгир аст, рафтанд.

Сардори гурӯҳи 3-юми факултети стоматологӣ Шукуров Фирдавс дар чорабинии солинавии кӯдакони бепарастор нақши Бобои барфиро иҷро намуд. Донишҷӯён гурӯҳ ба гурӯҳ гашта, бо қӯдакон бозиҳои шавқовар ташкил намуданд, ҳамроҳи онҳо рақсу бозӣ карда, суруд хонданд, қудакон шеър қироат намуданд. Бобои барфӣ ба кӯдакон тӯҳфаҳо тақдим намуд.

Донишҷӯёни курси якум гурӯҳи 4-уми факултети стоматологӣ бо роҳбарии куратори гурӯҳ, муаллимаи калони кафедраи забон русӣ Ҳотамова С.А. бо маслиҳати корманди иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ Саима Муҳаббатова аз 8 оилаи ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсӣ, ки дар онҳо 2-3 нафар фарзандони маъюб ҳастанд, дидан карданд. Донишҷӯён либоси Бобои барфӣ (Абдуллоев Лоиқ, Худойназарзода Соҳибназар) ва Барфакро (Гулова Фархунда) ба бар намуда, тӯҳфаҳои солинавиеро, ки ба маблағи ҷамъкардаи худ харид карда буданд, ба қӯдакони маъюб расонида, онҳоро бо фарорасии Соли нав табрик намуданд, бо кӯдакон шеъру суруд хонданд, ҳолпурсӣ карданд.

**Кафедраи забони русӣ**

# 2018-СОЛИ ПЕШРАФТИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ БУД

*Одамон бо ҳадафи пайдонамоии маълумоти вижа пиромуни зиндагӣ ва улуми мухталифи милали рӯи замин ба сафар мебаромаданд ва неку бадро меомӯхтанд. Нобиғагони илму адаб низ бар он ақида буданд, ки сафар намудану ҷаҳон дидан беҳтар аз мол андӯхтану неъмати олам хӯрдан мебошад.*



Воқеан, саёҳат ба мамолики гуногун барои кашфи асрори ниҳони одамият, дарки ҳақиқати зиндагӣ, тавсеаи мафкура ва саломатии бадан бағоят манфиатбахш аст. Бузургони оламшумули тоҷик низ осори гаронарзишу ҷовидонаашонро маҳз дар натиҷаи ҷаҳонгардӣ бо далоили мӯътамаду раднопазир таълиф кардаанд.

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар кишварамон Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд.

Моҳияти ин иқдом ба рушди соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла, ба пешрафти соҳаи сайёҳӣ ва муаррифии шоистаи фарҳанги мардумӣ дар арсаи байналмилалӣ дар мисоли рушди ҳунарҳои миллӣ равона гардидааст. Сарвари давлат зимни мулоқоти имсола бо аҳли зиёи мамлакат вобаста ба моҳияти маънавии «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» чунин таъкид кардаанд: «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани соли 2018, ки ҳадафи асосии он муаррифии шоистаи миллати тоҷик мебошад, дар навбати аввал, ба эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва афзоиши дастранҷи шахсони эҷодкору соҳибистеъдоди кишварамон мусоидат хоҳад намуд. Ниёгони мо аз замонҳои қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ рӯ оварда, дар тӯли асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар роҳ кушодаанд.

Намунаҳои ҳунари гузаштагони мо дар рӯйи санг, деворнигораҳо, тангаҳои тиллоӣ ва мисиву нуқрагӣ ва пӯсти ҳайвоноту дарахтон ҳифз шуда, аз насл ба насл то замони мо расидаанд».

Бояд қайд кард, ки мардуми куҳанбунёди мо аз қадимулайём ҳунару ҳунармандиро пос дошта, шаҳру деҳоти Тоҷикистон бо ҳунарҳои миллӣ ва ҳунармандонаш шуҳрати беандозаро соҳиб буд. Ҳанӯз аз даврҳои қадим дар Варахша, Панҷакенти қадим, Шаҳристон, Тупроққалъа ва ғайра деворнигораву ёдгориҳои санъати амалӣ рушд карда буданд.

Ҳунар гавҳарест ноёб ва ҳунарманд заргари бузургест, ки бо офаридаҳои ҷолибу диданӣ ва мафтункунандааш қалбҳоро тасхир менамояд. Ҳар як ҳунарманди дар ҷузъиёту резакориҳои ӯ дар навъҳои мухталифи офаридаҳои ҳунарияш таҷассуми худро ёфтааст. Воқеан ҳам, ҳунар бо ҳаёти анъанавӣ ва урфу одатҳои мардумӣ робитаи зич дошта, усулҳои бадеиву техникӣ, наққошиҳо, анъанаҳои касбӣ ва нозукиҳои онро танҳо ҳунармандони моҳир ба вуҷуд меоранду ҳифз менамоянд. Шогирдону наслҳои оянда бошанд, ин ҳунарҳоро аз онҳо мерос мегиранд. Қарнҳои зиёд матоъҳо, зарфҳо, асбобҳои мусиқӣ, қолинҳо, сӯзаниҳо аз ҷумлаи чакан ва дигар намуди маҳсулоти ҳунармандиро маҳз ҳунармандони чирадаст бо эъҷози баланд офаридаанд.

Дар дунё навъҳои гуногуни туризм маъмул аст. Дар Тоҷикистони мо метавон намудҳои сайёҳии мавсимӣ, кӯҳнавардӣ, шикорӣ, варзишӣ, фарҳангию маросимӣ ва кишоварзию обиро вусъат бахшид.

Ин идда туризм як андоза замонавӣ махсуб мешаванд ва барои ривоҷи онҳо имконоти мусоид фароҳам аст. Маҳз, шароит барои шаклҳои зиёди сайёҳӣ боис гардид, ки дар соли сипаришуда беш аз 411 ҳазор сайёҳ аз давлатҳои хориҷ кишвари моро интихоб карданд. Дар Тоҷикистон чанд соли охир саёҳати пиёдагардӣ, ки инфиродӣ сурат мегирад, рӯ ба инкишоф мебошад.

Тоҷикистон як гӯшаи биҳиштосои ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки имрӯз тамоми сайёҳону меҳмонони олам мафтуну шефтаи он гаштаанд. Талошҳои пайвастаи Сарвари давлат барои муаррифии забон, фарҳанг ва ҳунарҳои мардумии тоҷикон дар асраи ҷаҳонӣ равона шудаанд.

Туризм яке аз соҳаҳои сердаромад ба шумор рафта, барои таъмини ҷойҳои нави корӣ, пешрафти иқтисодиёти миллӣ ва мустаҳкам кардани робитаи дӯстӣ бо дигар халқияту миллатҳои гуногун таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

**М. Қ. Муродова,**
**С.Қ. Муродова,**
**омӯзгорони кафедраи забонҳои хориҷӣ ва лотинӣ**

# Ҳаёти шахсони наҷиб



Санаи 22-юми декабр дар толори бинои нави таълимии донишгоҳ дар ш. «Шифобахш» чорабинӣ аз силсилаи: «Ҳаёти шахсони наҷиб» бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти илмии Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон, доктори илми тиб, профессор, Тоҷиев Ёқуб Тоҷиевич ташкил карда шуд.

Чорабиниро бо сухани ифтитоҳӣ муовини ректор оид ба корҳои таълим, д.и.т., профессор С.Ибодов ҳусни оғоз бахшид. Ӯ зимни сухронии худ хизматҳои профессор Тоҷиев Ёқуб Тоҷиевич -ро дар рушду нумӯи илми тиб арзёбӣ намуд.

Дар идомаи чорабинӣ ҳамкасбон ва шогирдони устод: д.и.т., профессор Ҳомидов Н.Ҳ., Ортиқов К.П., Ҳусаинова А.А., Муллоев А.М.. Иномзода Ҷ.И. дар боби хислатҳои наҷиби инсонӣ, табибӣ, омӯзгорӣ ва асарҳои илмии Тоҷиев Ё.Т. сухан гуфтанд.

Бахшида ба чорабинӣ нишондиҳандаи биобиблиографии Тоҷиев Ёқуб Тоҷиевич нашр гардида, дар рафти чорабинӣ асарҳои илмии ӯ ва адабиётҳо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ин шахси наҷиб, ҳамчунин ба намоиш гузошта шуданд.

**Китобхонаи илмӣ,**
**Кафедраи нигаҳдории тандурустӣ ва омори тиббӣ**

# Об асту ҳаёт пойдор аст...



Мутобиқи ҳисоботҳои пешакӣ, то соли 2030 зиёдшавии истифодабарии об дар Осиёи Марказӣ 15-20%-ро ташкил медиҳад. Агар боз камшавии ҷараёни дарёҳоро дар натиҳаи тағйирёбии иқлим ба ҳисоб гирем, вазъияти бавуҷудомада хатарбор мегардад. Аз ин рӯ, ин гавҳари табиатро бояд сарфакорона истифода бурд. Ташаббусҳои Сарвари хирадманди мо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳаллу фасл ва дарёфти роҳу усулҳои рафъи мушкилоти вобаста ба об хеле муҳим ва саривақтианд.

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати роҳандозии ҳамкории бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар роҳи расидан ба рушду устувор дар соҳаи об заминаи мусоид фароҳам меоранд. Яке аз вижагиҳои санади нав ҳамгироии ҳадафу вазифаҳои марбут ба рушди иқтисодию ихтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист мебошад, ки се пояи асосии рушди устуворро ташкил медиҳад. Ҳадафи шашуми ҳадафҳои рушди устувор ба масъалаи таъмин намудани дастрасии ҳамагонӣ ба об ва беҳдошт бахшида шудааст. Ин ҳадаф, дар баробари зарурати таъмин намудани дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва беҳдошти масъалаҳои сифати об, истифодаи самаранокии он, пиёдасозии мудирияти муштараки захираҳои об, ҳифзи экосистемаи об, инчунин, тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ дар соҳаи обро дар бар мегирад. Тохикистон дар арсаи ҷаҳон чун кишвари пешоҳанг ва ташаббускори калидии мавзӯи об шинохта шудааст.

Мо аз иқдомҳои Президенти Тоҷикистон дар самти об истиқбол мекунем.

***Об асту ҳаёт пойдор аст,***
***Об асту замину кишту кор аст.***
***Маҳсули ҳама ҷаҳони ҳастӣ,***
***Аз ҳастии оби файзбор аст.***

Оре, об манбаи ҳастии ҳамаи мавҷудоти олам аст. Об захираи бузургест, ки воқеияти он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Ҳастии гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот, растаниву инсоният, хосса зиндагии осоиштаву ободӣ ва озодагиву пурбаракатӣ ҳама ба об вобастагӣ дорад. Обро инсон барои нӯшидан, пухтани хӯрок, шустушӯӣ, сохтани манзил, тозагии кӯчаҳо, обёрии заминҳо истифода мебарад. Инчунин, одам бо роҳҳои обӣ завраку киштӣ ронда, ҳар гуна бор ва мусофиронро мекашонад. Оби шаршарадор турбинаҳоро ба ҳаракат дароварда, ҷараёни электрикӣ ҳосил мекунад. Бо қувваи оби зиёд чархи санги осиёб, дастакҳои обҷувоз ҳаракат мекунанд. Кори ягон соҳаи саноат бе об пеш намеравад. Дар фабрикаву заводҳо обро барои тайёр кардани маҳлули рангҳо, оҳар додани матоъ, коркарди пӯст, тайёр кардани коғаз, собун, нонпазӣ, нӯшокиҳои гуногун истифода мебаранд. Инсон бе об зиндагӣ карда наметавонад. Ҳатто 70% вазни бадани инсоният аз об иборат аст. Инсон дар тамоми лаҳзаҳои ҳаёташ аз об истифода мебарад. Об одамро аз ифлосию нопокӣ, аз бемориву дардҳо эмин мегардонад. Об сабзавоту наботот ва ҳайвонотро, ки инсон ҳамеша бо онҳо сарукор дорад, манбаи асосист. Ҳатто номи замин аз об аст, ки бе он ягон растанӣ ва гулу гиёҳ намерӯяд.

Мо, Тоҷикистониён аз сероб будани сарзамини бузургамон бояд ҳамеша бифахрем. Тоҷикистон аз захираи об бой буда, қариб 7000 пирях, 155 кӯли гуногунҳахм, даҳҳо ҳазор чашмаоби одию маъданӣ ва обанборҳои зиёд дорад. Дар Тоҷикистон дарёҳои Сир, Вахш, Зарафшон, Варзоб, Кофарниҳон, Панҷ ҳорӣ мешавад, ки онҳо на инки Тоҷикистонро, балки мамлакатҳои ҳамсоя Узбекистону Туркманистонро низ шодоб мегардонанд. Ду дарёи калоне, ки аз кӯҳҳои осмонбуси мо сарчашма мегиранд, баҳри Аралро, ки имрӯзҳо хушк шуда истодааст дар минтақаи Осиёи миёна ҳисороти зиёд оварданаш мумкин аст, аз об пур мекунад. Аз қадимулайём дар китобҳои динӣ низ об чун манбаи асосии ҳаёт дониста мешавад. Чор унсур дар ҳаёт муқаддасанд: об, хок, оташ, бод, ки тамоми мавҷудоти олам ба онҳо эҳтиёҷ доранд. Модоме ки асоси зиндагии ҳамаи мавхудоти олам обро медонем, пас вазифадорем, ин маъхази бузургро чун асоси ҳастӣ, чароғи равшанидиҳанда, созгори дунёи ҳастӣ эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем, нагузорем, ки нохалафе ин мӯъхизоти бузургро ифлос гардонад, ба он партовҳо партояд ё ягон амали носазое нисбати он раво бинад, зеро:

***Зи ҷӯе, ки хурдӣ аз он оби пок,***
***Набояд фикандан дар он сангу хок,***

Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шумурдани он, қимат донистани ҳар қатраи ин мӯъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони асил аст, зеро об на танҳо ҳамчун манбаи ободӣ, балки маъхази нуру рушноӣ ва маҳсули шодиҳои олами ҳастист.

Об бошад гавҳари қимматтар аз лаълу гуҳар,

Покии ҳар қатраи он покии хайрулбашар.

Об ҳаст ободӣ ҳаст, мегӯянд. Об аст, ки кулли мавҷудоти олам дар афзоишу рушду нумӯъ ва пояндагӣ қарор дорад. Об аст, ки дар дами марг қатрае аз он ошомида инсон нафас рост мекунад. Об аст, ки гулу гиёҳ аз он рангу бӯй, таровату пояндагӣ мегиранд. Бе об ҳаёт маъно надорад. Зиндагиро аз ҳастии об асос аст. Мутаассифона, бархе аз инсонҳои беандеша ва номурод дидаю дониста обҳоро ифлос мегардонанд, дар дарёҳо партовҳо мепартоянд. Обро бе сарфаю сариштакорӣ истифода мебаранд, ки ин ба касодиҳо оварда мерасонад. Дар ҳамаи китобҳои динӣ сарфаю сариштакорӣ ҳамеша тақозо карда мешавад ва тозаю озода нигоҳ доштани он, макрӯҳ накардани ҳар қатраи он вазифаи муқаддаси ҳар як шахси мусалмон дониста мешавад. Хулоса, аз гуфтаи Паёмбари бузург Расули Акрам «Об ҳақиқатан поккунанда ва асоси ҳастист, ки чизе онро наҷис нагардонад».

**Ҳ.Ю Шарипов,**
**Н.К. Салимова,**
**устодони кафедраи анатомияи патологӣ**

# РОҒУН-ИНШООТИ ҲАЁТАН МУҲИМ



*Дар кафедраи биохимия бахшида ба ифтитоҳи чархаи аввали НБО-и Роғун ҷаласаи васеи кураторон ва донишҷӯён баргузор гардид.*

Зимни сухани ифтитоҳӣ дотсенти кафедра Гулов М.Қ қайд намуд, ки НБО-и Роғун иншооти ҳаётан муҳими стратегии мамлакати мо ба ҳисоб меравад. Каримов Анвар-донишҷӯи курси 2-юми факултаи тиббӣ гурӯҳи 42 дар мавзӯи «Таърихи сохтмони иншооти гидроэлектрикии Роғун» суханронӣ намуда, дар бораи марҳилаҳои сохтмони ин иншооти аср муфассал маълумот дод.

Сулаймонов Сулаймон-донишҷӯи курси 2-юми факултаи тиббӣ гурӯҳи 21 дар баромади худ дар мавзӯи «Роғун – иншооти бузурги аср», қайд кард, ки неругоҳи барқи обии Роғун иншооти ҳаётан муҳими стратегии мамлакат ба ҳисоб меравад, зеро баъди аз ҳам пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз мушкилоти асосӣ барои кишвари мо норасоии нерӯи барқ гардид. Дар давраҳои пеш ин мушкилот аз ҳисоби кишварҳои ҳамсоя ҳалли худро меёфт. Донишҷӯёни курси 2-юми факултаи тиббӣ Саидов Саидакрам аз гурӯҳи 28 ва Раҳимиён Бежан аз гурӯҳи 9 дар мавзӯъҳои «Дар бораи НБОи Роғун» ва «Роғуни бузург дар ибтидои аср» маърӯза карда аз ҷумла қайд намуданд, ки имрӯз Пешвои муаззами мо, натанҳо ифтихори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон балки ифтихори тоҷикони ҷаҳон гардидааст. Маҳз заҳмати шабонарӯзиҳои он кас аст, ки имрӯз мо дар ватани худ тинҷу осоишта, бо созандагию ободкориҳо зиндагӣ дорем, ба сохтмон ва ба истифодаи бахши аввали НОБ-и Роғун, ки имрӯз ҷаҳониён ба чашми ҳайрат ба он менигаранд, муваффақ гаштем.

Узви вобастаи АИ ҶТ, профессор Б.Б. Ҷумъаев қайд намуд, ки мардуми тоҷик аз набудани барқи доимӣ ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ мешуданд. Ҳоло бошад ин душвориҳо паси сар гардида истодаанд. Гуфтан мумкин аст, ки нисбати солҳои пешин интиқоли қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардидааст. Бахри чароғонии ҳар хонадон, коргоҳу муассисаҳои моро мебояд бо амри дилу виҷдон дар ин кори хайр ҳисса гузорем.

**М.С. Махсудова,**
**мудири кафедраи биохимия, н. и.х, дотсент,**
**М.Қ. Гулов,**
**муттасадии корҳои тарбиявии кафедраи биохимия, дотсент**

## Ҷаласаи шӯрои илмӣ-методӣ



18-уми декабр дар маҷлисгоҳи раёсати донишгоҳ таҳти роҳбарии раиси Шӯрои илмӣ-методӣ д.и.т., профессор Ибодов С.Т. ва аъзоёни Шӯрои илмӣ-методӣ ҷаласаи навбатӣ баргузор гардид.

Ҷаласаи Шӯрои илмӣ-методиро д.и.т., профессор Ибодов С.Т. оғоз намуда, аз рӯи масъалаи якуми рӯзнома раиси комиссияи методии назариявӣ-тиббӣ Сабурова А.М. ва раиси комиссияи методӣ Мамадҷонова Г.С. ахборот доданд.

Азрӯи масъалаи дуюм роҳбари гурӯҳи НСТ Субҳонов С.С. баромад намуда, қайд кард, ки аз тарафи кормандони бахши гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот то ба имрӯз дар 22 кафедраҳои донишгоҳ фаъолияти таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим гузаронида шуд. Бо ҳайати кормандони кафедра оид ба омодагӣ ба аттестатсияи навбатии донишгоҳ, сохторҳои он ва инчунин аккредитатсияи байналмиллалӣ дар соли 2019 сӯҳбат гузаронида шуд.

Аз рӯи масъалаи сеюм д.и.т., профессор Ибодов С.Т. оиди имтиҳонҳо дар сессияи зимистона ахборот доданд. Қайд гардид, ки муовинати таълим бо дарки баланди масъулият ба сессияи зимистонаи соли таҳсили 2018-2019 омодагии ҳамаҷониба додааст. Аз ҷумла, шуъбаи таълим барои гузаронидани имтиҳонҳои сессияи зимистона дар соли таҳсили 2018-2019 барои ҳамаи факултетҳои донишгоҳ ҷадвали сессияи зимистонаро таҳия ва тасдиқ намуд. Гузаронидани имтиҳонҳои сессияи зимистона барои ҳамаи факултетҳо аз рӯи 37фан дар Маркази ягонаи тестӣ ба нақша гирифта шудааст. Рӯйхати имтиҳонҳои ниҳоӣ барои курсҳои 1-3 –и ҳамаи факултетҳое, ки бо натиҷаи ИФ-1 ва ИФ-2 ҷамъбаст мешаванд, ҳамагӣ 28 фанро ташкил мекунад.

**Муовинати таълим**

## Конференция при поддержке фонда «Ельбасы»



В 7-8 декабря нынешнего года в Южно-Казахстанской медицинской академии (ЮКМА) г.Шымкент,Республика-Казахстан, при поддержке ФОНДА ПЕРВОГО ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ КАЗАХСТАН –« ЕЛБАСЫ» ,состоялась 6-международная научно-практическая конференция молодых ученых и студентов, под эгидой « Перспективы развития биологии , медицины и фармации «

На торжественном открытии конференции с приветственными словами выступили:

Ректор ЮКМА -д.м.н.профессор М.М.Рысбеков .

Бапаев Жумат Биллаханович _ к.м.н. Первый проректор по стратегическому развитию и инновациям Южно_Казахстанской медицинской академии.

ЖаппаровСухрабАбайдуллаевич– к.м.н. , заместитель Председателя Совета по науке при Фонде Первого Президента Республики Казахстан – Елбасы , г. Алматы , Республика Казахстан

Халилова РахимаХамитовна _д.техн.наук ,профессор филиала МГУ им. М.В. Ломоносова, г. Ташкент ,Республика Узбекистан

Сейсенбеков Тельман Зайнуллоевич – академик Академии медицинских наук Республики Казахстан ,д.м.н профессор кафедры « внутренних болезней №2 « последипломного образования АО «медицинский университет Астана « г. Астана ,Республика Казахстан

А также на конференции участвовали молодые ученые и из Таджикистана ,Российской Федерации и Узбекистана ,

Из Таджикского Государственного медицинского университета (ТГМУ) имени Абуали ибн Сино , Республика Таджикистан ,на конференции с докладами выступили Жумабаев Сухроб Сахиёрович - студент 6-го курса общемедицинского факультета , Фазылов Азамат Алишерович – клинический ординат кафедры пропедевтики внутренних болезней, заместитель отдела по делам молодежной политики , представитель молодежного консорциума г.Оренбург в ТГМУ им . Абуали ибн Сино.

В ходе данной конференции обсуждались и впоследствии были опубликованы актуальные работы,касающиеся всех аспектов современной медицины . Помимо того после завершения конференции была проведена творческая часть, в ней представители ЮКМА выразили свою благодарность участникам из ТГМУ г. Душанбе, за первое и активное участие на конференции в истории ЮКМА .

8-декабря по итогам президиума хирургической секции Жумабаев С.С .и по итогам терапевтической секции Фазылов Азамат Алишерович получили дипломы 2-степени .

А также всем участникам конференции присуждались сертификаты

**Сухроб Жумабаев, студент 6го курса мед.факультета**

## Чаро аз нӯшокиҳои спиртӣ бояд даст кашид?

***Коршиносони аврупоӣ дар ҳамбастагӣ бо олимони математика гузорише таҳия намудаанд, ки дар он бо такя ба далелҳои илмӣ аз меъёр зиёд истифодабарии нӯшокиҳои спиртиро хатари асосӣ ба саломатии инсон арзёбӣ намудаанд. Зимнан, замон ва андоза нақши муҳим мебозанд.***

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксари кишварҳои Аврупо, ки тибқи қонунгузориҳои он кишвар ба истеъмол ва фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ маҳдудият ҷорӣ карда шудааст, нишондиҳандаҳои омории шахсони майзада камтар гаштааст.

Аз ҳама муҳим маҳдудияти истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ҳангоми шабона арзёбӣ мегардад. Такъид карда мешавад, ки ҳар қадар муносибати мақомоти қудратӣ нисбати татбиқи амалии ин қонунгузориҳо сахттар бошад, нишондиҳандаҳо ҳамон қадар боло меравад.

Андозаро бояд донист!

Дар айни замон ба ғайр аз Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дигар ягон сохторе нисбати пешгирии ин масоил кор намебарад. Нӯшидан мумкин аст, аммо ҳар шахс бояд андозаро нигоҳ дорад. Ин андоза дар асоси таҳлилҳои оморӣ барои мардон ва занон дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад. Тибқи он андозаи муқаррааргардида барои мардон на зиёда аз 168 г спирти тоза ва барои занон то 112 г тавсия дода мешавад. Дар мавриди нӯшидани оби ҷав ё пиво низ ҳар шахс бояд донад, ки оби ҷав низ ба нӯшокиҳои спиртӣ дохил мешавад, масалан нӯшидани 2 литр оби ҷав аллакай зиёд мебошад.

Агар Шумо аҳамият дода бошед, зимни муроҷиат ба дилхоҳ бемористон ё маркази тиббӣ аз Шумо ҳатман дар бораи сигоркашӣ ё майнӯшӣ пурсон мешаванд, ки ин бесабаб нест. Зеро агар шумо майпараст й майзада бошед,



пас шумо ба табобати бештаре ниёз пайдо мекунед.

Дар кишварҳои хориҷа табибон барои шахсоне, ки майзада ҳастанд, варақаи коршоямӣ намедиханд, то он замоне, ки ӯ худро муолиҷа накунад. Пас Шумо бояд худатон ба хулосае биёед!

Ба таври дигар барои занон дар як ҳафта (!) танҳо 6 кадаҳи 50 г нӯшидани арақ тавсия дода мешаваду халос. Агар дигар нӯшокӣ мисол май бошад 6 қадаҳи 150 г ва агар оби ҷав бошад 4 шишаи 500 г.

Барои мардон 8 қадаҳи 50 г нӯшидани арақ дар як ҳафта (!), 9 қадаҳ вино, ё 6,5 шишаи оби ҷав тавсия дода мешавад. Аз ин зиёдаш аллакай ба саломатии Шумо зарар оварданаш мумкин аст.

Дар хотир дошта бошед, ки ин нишондиҳандаҳо дар тӯли ҳафта яъне 7 рӯз тавсия дода шудааст ва онро ба рӯзҳо тақсим бояд кард.

**М.Н.Расулов, Ҷ.А.Нуриддинов, устодони кафедраи тибби ҳарбӣ**

# АЗ ТАЪРИХУ ТАФСИРИ ТЕРРОРИЗМ

Ҳар гоҳ заминаву имкониятҳои мухталифи терроризмро мавриди таҳлили систематикӣ қарор диҳем, мебинем, ки даҳшатафканӣ ва терроризм собиқаи тӯлонӣ дошта, марҳилаҳои мухталифи таърихиро паймудааст. Таърихи терроризм бо таърихи ҳаёти сиёсӣ ва иқтидори сиёсии башар ҳамроҳу ҳамзод аст. Терроризм дар давоми таърих барои касб ҳифз ва ба даст овардани қудрат, барои таъмини ғаразҳои дарунӣ ва фурӯ нишондани эҳсосот ва уқдаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ тавассути афрод ва гурӯҳҳои маҳдуди сиёсӣ, қавмӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар фарҳангҳо ва донишномаҳо фаъолиятҳои террористиро ба асрҳои қадим мансуб додаанд. Далели ин иқдоми террористии зимомдорони Руми қадим монанди Тибериюс (Tiberius) шуда метавонад, ки мухолифини сиёсии хешро саркӯб менамуд ва тафтиши ақидаҳо ва шиканҷаву қатлу террорро роиҷ сохта буд.

Решаҳои терроризм бениҳоят амиқ ва мавқеияти иҷтимоӣ ва сиёсии он печ дар печ буда, ба ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва ҷаҳонбинӣ пайвандӣ дорад. Терроризм реша дар таърихи сиёсӣ ва байналмилалӣ дорад. Дар мавриди ин ки нахустин иқдоми террористӣ чӣ вақт, дар куҷо, ба кадом ҳадаф ва чӣ гуна сурат гирифтааст, пажуҳишгарон ва муҳаққиқон назарҳои гуногун доранд. Дар аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи муосир афрод ва гурӯҳҳои сиёсӣ ва мазҳабие вуҷуд доштанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои хеш аз террор ва ваҳшатафканӣ истифода карда, тарс ва ваҳшат тарвиҷ ва шахсони бегонаро, ки кӯчактарин иртиботро бо мавзуъ надоштанд, қурбонӣ карданд. Қатли Ҳийпорхуш тавассути Ҳормудюш ва Орустигиюн дар соли 514-уми қабл аз милод, ки аз он ба ҳайси як иқдоми ошиқона ва бо озодӣ пайванддошта, ёд шудааст, ки барои нобудии яке аз ситамгарон ва ҷабборони таърих анҷом ёфтааст. Ҳокими Бобул ба табъид, зиндонӣ кардан ва куштори яҳудиён фармон дод, ки сабабгори фатҳи Бобул тавассути Куруши Кабир дар қарни VI-и қабл аз милод ва озодии яҳудиҳо гардид. Ҳамин тавр, аз террори шоҳон ё шаҳзодагон монанди Хусрави Парвиз дар соли 590-628 қабл аз милод ва террори Бардиё дар соли 521-и қабл аз милод метавон ёдовар шуд.

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва поёни Ҷанги сард дар аввалҳои қарни XXI мо шоҳиди мавҷи навини терроризми байналмилалӣ ҳастем, ки аз методҳо ва тактикаҳои вижа истифода карда, монанди амалиёти интиҳорӣ, ки муҷиби қатли омми афроди ғайринизомӣ мегарданд. Вожаи терроризми навин одатан баъд аз ҳодисаи 11-уми сентябри соли 2011 дар адабиёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайдо шуд.

Изабил Давистин, устоди яке аз донишгоҳҳои Голандия дар мақолае таҳти унвони «Чӣ чиз дар терроризми навин ҷадид аст?» саъй кардааст асосҳои ҷадиди терроризмро дар таҳаввули кунунӣ баён дорад. Ба назари вай терроризми навин хусусияти фаромиллӣ дорад. Он ифротгароии мазҳабӣ аст ва террористҳои ҷадид бо силоҳ куштори ҷамъии мусаллаҳ ва муҷаҳҳаз ҳастанд ва қурбониёни худро бо диққат интихоб мекунанд. Ҳодисаи 11-уми сентябр дар Амрико нуқтаи васл миёни терроризми қадим ва терроризми ҷадид аст. Ӯ терроризми қадим ва терроризми ҷадидро дар чаҳор маврид мушаххас сохтааст:

Дар терроризми қадим силсилаи маротиб бисёр боаҳамият аст ва фаъолиятҳояшон ба шакли амудӣ анҷом меёбад, дар ҳоле ки дар терроризми навин силсилаи маротиб камранг буда, фаъолиятҳояшон ба шакли уфуқӣ сурат мегирад. Дар терроризми қадим созмондеҳӣ мутамарказ аст, дар ҳоле ки дар терроризми ҷадид созмондиҳӣ шакли номутамарказ дорад. Терроризми ҷадид рангу бӯйи мазҳабӣ дошта, мазҳаб ба шакли муҳаррики асосӣ дар фаъолиятҳои террористӣ ҷойгоҳи баланд дорад. Терроризми қадим решаи идеологӣ ва сиёсӣ дошт ва дар баъзе аз мавридҳо бар эҳсосоти шахсӣ ва манфиатҳои хусусӣ ва гурӯҳӣ устувор буд.

Волтар Локуэр дар мақолаи худ таҳти унвони «Терроризми постмадерн» терроризми навинро терроризми постмадерн хонд. Ба назари вай терроризми ҷадид дар қолаби ҳадафҳои гузашта дар чаҳорчӯби фаъолиятҳои муосир, яъне қудратталабӣ, манфиатҷӯӣ ва миллатгароӣ намеғунҷад, чун ҳадафи постмадерни мазҳабӣ, ҳувият ва ҷаҳонӣ аст.

Имрӯз терроризми ҷадид дар таҳаввули терроризм дар робитаҳои байналмилалӣ ва аз терроризми байналмилалӣ ба терроризми ҷаҳонӣ такомул ёфтааст. Мисоли онро метавон дар вуқӯи ҳодисаи 11-уми сентябр зикр намуд.

Волтар Локуэр, дар мавриди терроризм китобҳо ва мақолаҳои зиёд дорад, терроризмро дар давраҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор додааст. Гуфтумони ҳар давраро мушаххас сохта, ба ин бовар аст, ки гуфтумони терроризм дар қарни XIX ва аввалҳои қарни XX посух додан ба беадолатиҳо буд, аз рӯи ногузирӣ, фақр, саркӯбии сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба терроризм рӯи меоварданд ва аз он ба ҳайси тактикаи расидан ба стратегия истифода мекарданд.

Локуэр гуфтмонии дигареро дар бораи терроризм дар қарни XIX зуҳури анархистҳо медонад, ки барои расидан ба мақсадҳояшон аз террор истифода мекарданд. Гурӯҳҳои анархистӣ дар солҳои 1870 ва 1920 бо истифода аз террор ва эҷоди ваҳшат кӯшиш доштанд ба ҳадафҳои худ наздик шаванд. Ба ҳамин далел террорҳои мухталифро дар гӯшаву канори Аврупо ва Амрико созмондиҳӣ мекарданд. Террори императори рус дар соли 1881 тавассути шахсе анҷом ёфт, ки идеологияи анархистӣ дошт. Террори раисиҷумҳури Амрико Уилям Мак-Кинли соли 1905 аз тарафи Леон Сенаро Лукас, паноҳандаи австриягӣ, ки пайрави афкори фалсафӣ буд, сурат гирифт. Террори Соди Корно, раисиҷумҳури Фаронса соли 1894, террори Антонио Коно Вос, садри аъзами Испания дар соли 1897 ва террори Умберто, подшоҳи Италиё дар соли 1890, террори Елизавет, малика иқдоми ба террор нокоми Бисмарк, садри аъзами Олмон ва террори Маҳдук Фердинанд ва ғайра тавассути гурӯҳҳои анархистӣ созмондиҳӣ шудааст. Гурӯҳҳои анархистӣ дар дастгоҳҳои давлатҳои аврупоӣ нуфуз дошта, ба иқдомҳои террористӣ даст мезаданд. Ҷиноҳи Артиши Сурхи Олмон, бригадаҳои сурхи Италия ва тундравони Русия сахт таҳти таъсири афкори анархистҳо қарор дошта, ба фаъолиятҳои террористӣ мепардохтанд ва чолишҳои зиёдеро барои подшоҳон ва раисони ҷумҳур эҷод мекарданд. Ба назари Локуэр гуфтмонии дувум баъд аз Ҷанги аввали ҷаҳонӣ соли 1914 шакл гирифт ва моҳияти терроризм тағйир кард. Дар паҳлӯи масъалаҳои миллӣ масъалаҳои мазҳабӣ матраҳ шуд ва ба дунболи он масъалаҳои идеологӣ, ҷиноӣ ва тиҷорати маводи мухаддир ба миён омад. Дар ин марҳила гурӯҳҳои террористӣ ғолибан гурӯҳҳои фашистӣ буданд.



Муҳимтарин гуфтмони имрӯз, ки аз 11-уми сентябр оғоз ёфтааст, «Терроризми байналмилалӣ» мебошад.

Яке аз хусусиятҳои терроризми навин пайванд додани хушунат, ваҳшатафканӣ бо расонаҳост ва террористҳо бо расонаҳо ҳамзистӣ ва робитаҳои зич доранд.

Анна Кария дар таҳқиқоте, ки дар соли 1998 дар бораи аҳамияти расона ва иқдомҳои террористӣ анҷом дода буд, возеҳ сохт, ки чӣ гуна расонаҳо иқдом ва фаъолиятҳои террористиро ба шакли ҳаяҷонбарангез ба тасвир мекашанд. Расонаҳо дар бузург кардан ва аҳамият додан ба таҳдидоти террористҳо дар афкори омма зеҳниятсозӣ мекунанд, тарс ва ваҳшатро пароканда месозанд ва террористҳоро дар таблиғи ҳадафҳояшон ёрӣ мерасонанд.

Дар соли 1899 ҷанг миёни Британия ва Африқои Ҷанубӣ (Трансилвания) ва Португалия, ки ҳазорҳо мард ва зан аз қавми бур маҷбур ба тарки хонаҳо ва рафтан ба урдӯгоҳҳои кории иҷборӣ шуданд ва садҳо инсон ба шеваи золимона террор гардидаанд.

Ҷиноятҳои истеъморӣ дар Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинист сабаби ба вуҷуд омадани наҳзатҳои раҳоибахши миллӣ дар баробари ситамгорони таърих гардид. Дар даҳаи 1960 ва 1970 даврони авҷгирии ҷунбишҳои миллигароӣ ва озодибахш буд. Дар ин марҳилаи таърих бисёр аз гурӯҳҳои инқилобӣ ва чапи демократӣ ба муборизаҳои сиёсӣ ва мусаллаҳона даст заданд. Давлатҳои ғарбӣ ин гурӯҳҳоро террорист ёд мекарданд. Бетардид, ҷаҳонӣ шудани терроризм бо ҳавопайморабоии духтари фаластинӣ бо номи Лайло Холид, узви ҷабҳаи «Халқ барои озодии Фаластин» гиреҳ хӯрда ва иллати тайёрарабоиро сарнишинони тайёра донистанд, ки аз гӯшаҳои мухталифи ҷаҳон ва аз миллатҳои гуногун ташкил ёфта, мехостанд бадин минвол садои худро ба гӯши ҷаҳониён бирасонанд, то аз озодихоҳӣ ва эҷоди давлати мустақили фаластинӣ ҳимоят сурат гирад. Ҷунбишҳое, ки барои озодӣ, истиқлол ва ҳокимияти миллии хеш ба мубориза ва муқовимати мусаллаҳона даст заданд, мубуризони озодихоҳ буданд, ки барои берун рондани аҷнабиҳо аз ҳар усул ва васила истифода мекарданд, то ғосиб ва аҷнабиро маҷбур ба ақибнишинӣ ва тарки сарзаминҳои ишғолии худ созанд.

Ҳамчунон, қазияи даҳшатнок, ки бо марги беш аз шаш миллион яҳудӣ ва панҷ миллион лаҳистонӣ анҷомид, яке аз бузургтарин ҷиноятҳои зиддибашарӣ аст, ки ба шеваи золимона ва террористӣ анҷом ёфтааст. Бомбабórони ҳастаии Нагасаки ва Хиросимаи Ҷопон, ки ба марги 140 ҳазор инсони бегуноҳ сабаб гардид, аз ҷумлаи бузургтарин ҷинояти таърих маҳсуб мегардад.

Терроризми муосир, ки ранги мазҳабӣ дорад, бар асоси аҳду паймони мазҳабӣ ва бо тавассул ба ақидаҳои динӣ амал менамояд. Бино бар таҳлили дақиқ ва оморгирии ҳамаҷониба дар соли 1995 наздик ба нисфи террористҳои фаъоли байналмилалиро афроди мазҳабӣ ташкил медод.

Гуруҳҳои мазҳабӣ анвои зиёдеро дар бар мегирад, ки теъдоди маҳдуди онҳо ба чунин фаъолиятҳо мубодират меварзанд. Бисёре аз гурӯҳҳои мазҳабӣ ба муборизаи ошкорои сиёсӣ боварманд ҳастанд ва дар чаҳорчӯби омӯзаҳои динӣ дар қолаби қонуни нофизаи кишварҳо амал мекунанд.

Таҷрибаи мубориза бар зидди терроризм нишон додааст, ки хатарноктарин навъи терроризм терорризми мазҳабӣ аст. Фалсафаи сиёсии онҳо муборизаи оштинопазир аст. Терроризми байналмилалӣ дар Шарқ ба марзҳои миллӣ, минтақаӣ, ба нажод ва қавм аҳамият надода, чизе, ки барои онҳо аҳамият дорад масъалаи «уммат»-и исломӣ аст. Ин гурӯҳҳо барои эҳё ва таҷдиди хилофати исломӣ, ҳокимияти Қуръон ва ҷорӣ сохтани шариати исломӣ ҷиҳод менамоянд. Терроризми мазҳабӣ зарфияти онро пайдо кардааст, ки ба терроризми байналмилалӣ табдил гардад. Террористҳои мазҳабӣ дар ҳама ҷо барои худ «лона сохтаанд». Дар кишварҳои аврупоӣ фаъолият доранд. Ба қавли агентии Дейли Телеграф: «Мақомоти амрикоӣ ба ин бовар расидаанд, ки англисҳо ба хотири ин ки теъдоди зиёди ҳомиёни «Алқоида» дар Англия зиндагӣ менамоянд, таҳдиди ҷиддӣ барои амнияти Ғарб ҳастанд. Дейли Телеграф дар идома афзудааст, ки «Ду сол пеш Ҷонтон Ивонз, раиси хадамоти махсуси Англия (М16) эълон кард, ки ду ҳазор ҳомии ҷиддии «Алқоида» дар Англия зиндагӣ мекунанд…».

Терроризми байналмилалӣ фаъолияти фавқуллода ваҳшатнок ва хушунатомез аст, ки буҳрони иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар сатҳи кишварҳо, буҳрони амнияти байналмилалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва буҳрони эътимод дар сатҳи шаҳрвандони кишварро ба вуҷуд меорад. Дар фаъолиятҳои терроризми байналмилалӣ иқдомҳои зиддибашарӣ, наслкушӣ ва ваҳшат нуҳуфта аст.

Террористҳо дар шабакаҳои мухталифи ҷаҳонӣ босуръат дар ҳоли афзоиш ҳастанд. Муҳити амниятии ҷаҳонро ба чолиш кашида, фазои воқеӣ ва маҷозии муносибе барои рушду инкишофи андешаҳои хушунатбор ва радикалии хеш халқ намудаанд. «Алқоида» ва гурӯҳҳои тундрави мазҳабӣ дар Аврупо: Олмон, Фаронса, Британия, Голландия, Белгия ва Испания ба суръати баланд афзоиш ёбанд. Дар кишварҳои Африқо ва атрофи Баҳри Миёназамин: Алҷазоир, Судон, Марокаш, Тунис, Либия, Нигерия, Кения фаъолият мекунанд. Дар Шарқи Миёна: дар Яман, Қувайт, Ироқ, Сурия, Урдун, Туркия, Лубнон, Арабистони Саудӣ, Миср, дар ҷанубу шарқии Осиё: Индонезия, Малайзия, Филиппин, Ҳиндустон, Бангладеш, Покистон, дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз Ӯзбекистон, Чечня, Гурҷистон, ғарби Чин- Уйғур, Озорбойҷон, Доғистон, дар ҳавзаи Балкан, дар Эрон, Афғонистон ва дар беш аз 61 кишвар «Алқоида» ниҳодҳои сиёсӣ ва ташкилотӣ дорад.

Дар таърихи се ҳазору панҷсадсолаи башар дусаду панҷоҳ сол инсонҳо дар сулҳи умумӣ ба сар бурдаанд. Дар қарни бистум аз даврони эҷоди Созмони Милали Муттаҳид то имрӯз 150 ҷанги дохилӣ ва байналмилалӣ ба вуқуъ пайвастааст. Дар солҳои 1939-1990 танҳо 24 ҷанг рӯй додааст. Талафоти молӣ ва инсонӣ фавқуллода бузург аст. Аз соли 1945 то 1985 бидуни муҳосибаи қурбониёни бомбаи атомии Хиросима ва Нагасакӣ ҳадди ақал 23 миллион нафар дар 135 ҷанг кушта 12 миллион нафар беҷо ва табоҳ шудаанд.

**Қ.Н. Носиров, сардори шуъбаи таҳлил, назорат ва робита бо ҷомеа, н.и.т., дотсент**

# Қабули шунавандагон ба курси 4-моҳаи Маркази омодагии қаблӣ



**Қабули ҳуҷҷатҳо ва дарсҳои машваратӣ (консултатсия) аз:**
02.01.2019 **то** 31.01.2019

**Оғози машғулиятҳо аз:**
01.02.2019

ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино қабули ҳуҷҷатҳоро аз рӯи кластери 5-ум (ихтисосҳои тиббӣ, биологӣ ва варзиш) дар ш. Душанбе барои супоридани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон менамояд.

Дар Маркази омодагии қаблӣ ҳамаи хоҳишмандон ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки мехоҳанд сатҳи дониши худро баланд бардоранд, таҳсил карда метавонанд. Дарсҳо мувофиқи барномаи таълимии тасдиқшуда аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (тест ва эссе), таърихи халқи тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, математика, химия, биология ва физика, гузаронида шуда, 4-моҳ давом мекунанд.

**Барои таҳсил намудан ҳуҷҷатҳои зерин лозим аст:**

**1) Шиноснома ё Шаҳодатномаи таваллуд—асл ва нусха 2) Аттестати синфи 11 — нусха 3) Маълумотномаи тиббӣ 038/У 4) Маълумотномаи ҳарбӣ—нусха 5) Расм 6-дона 3х4 6) Маълумотнома аз мактаб (барои хонандагони синфи 11) 7) Табели синфи-10 (барои хонандагони синфи 11) 8) Хилъати сафед**

**Суроғаи мо:**

**Бинои ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар шаҳраки «Шифобахш» (Қарияи Боло), рӯ ба рӯйи бинои 15-уми беморхонаи «Шифобахш»**

**Телефон барои тамос:**
(+992) 907-01-00-10
**E-mail:** tajmedun14omodagi@gmail.com

# Таҷлили Соли нав бо нафақахӯрону маъюбон

20 декабр дар арафаи Соли нави милодӣ гурӯҳи донишҷӯёни курси 2-юми факултети стоматологӣ бо роҳбаладии куратори гурӯҳ Тохтахоҷаева С.Т. ба маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе ташриф оварданд.

Кормандони ин муассиса меҳмононро бо чеҳраи кушод ва муносибати хуб пешвоз гирифтанд.

Донишҷуён пиронсолонро бо табрикоти солинавӣ, шеърхонӣ ва намоиши рақсҳо хурсанд карда, ба онҳо тӯҳфаҳо тақдим карданд. Пиронсолон аз баромадҳои донишҷӯён хеле шод гаштанд ва ҳатто ба рақси онҳо ҳамроҳ шуданд. Пиронсолон ба донишҷӯён дуои хайр дода, таманно доштанд, ки дар оянда онҳо ҳамчун мутахассисони сазовори давр ба воя мерасанд.

**Кафедраи стоматологияи муоличавӣ**

# Мизи мудаввар дар маркази таълимии "Сарвар"



Дар маркази таълимии "Сарвар" 18 декабр дар мавзӯи "Тарзи ҳаёти солим, оқибатҳои никоҳи хешу таборӣ" бо иштироки донишҷӯдухтарони марказ мизи мудаввар гузаронида шуд. Зикр бояд кард, ки дар ин муассиса 42 нафар донишҷӯдухтарон аз донишгоҳи тиббӣ низ таҳсил менамоянд, ки 18 нафарашон тибқи квотаи президентӣ таҳсилкунанда мебошанд.

Духтарони фаъоли Шӯрои бонувони донишгоҳ ва донишҷӯёни тибқи квотаи президентӣ таҳсилкунанда дар мавзӯъҳои гуногун баромад намуданд. Мизи мудаввар бо иштироки директори маркази таълимии "Сарвар" Камолова С.Ҷ., муовини директор Сафарова Г.Р., раиси Шӯрои бонувони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Ҳоҷиева Г.Б., муовини декан оид ба донишҷӯёни тибқи квотаи Президентӣ таҳсилкунанда Иргашева Ҷ.З., сурат гирифт. Дар охир викторина бо саволу ҷавобҳои ҷолиб пешкаш гардид.

**Шӯрои бонувон**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ЭНЕРГЕТИКҲО



Рӯзи 22 декабр дар Маркази омодагии қаблӣ бахшида ба рӯзи энергетикҳо чорабинии умумимарказӣ гузаронида шуд. Чорабинӣ бо ташаббуси омӯзгорони фанни физика ташкил карда шуда дар охир филми мустанад пешкаши ҳозирин гардонида шуд. Маълум аст, ки 22.12.1920 дар Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин съезди энергетикҳо баргузор гардида буд ва аз ҳамон давра рӯзи кӯтоҳтарини сол яъне, 22 декабрро ҳамчун рӯзи энергетикҳо ҷашн мегиранд. Дар чорабинӣ шунавандагон дар бораи қаҳрамониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба истифода додани чархаи якуми нерӯгоҳи барқи обии Роғун суханронӣ намуданд.

**Маркази омодагии қаблӣ**

# Эълон

Ба диққати ҳамаи донишҷӯён расонида мешавад, ки хоҳишмандон метавонанд барои гирифтани хобгоҳ ба Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни донишгоҳ муроҷиат намоянд.

Маълумоти иловагӣ: тел: 918-24-60-17.

**Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни донишгоҳ**

Ворисони Сино

САРМУҲАРРИР: МАҲМАДНАЗАР МАЗИЁЕВ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Гулзода М. Қ. - ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
Ибодов С.Т. - муовини ректор оид ба таълим;
Юсуфӣ С.Ҷ. - муовини ректор оид ба илмва нашрия;
Қобилов Қ.К. - муовини ректор оид ба муолиҷа;
Қурбонбекова П.Қ. – муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг;
Хокироев Т.З. - муовини ректор оид ба корҳои хоҷагию маъмурӣ;
Носиров Қ.Н. - мудири шуъбаи таҳлил, назорат ва робита бо ҷомеа;
Расулов С.М. - мудири шуъбаи иттилоот ва нашрия;

Ҳуруфчин: Мавлуда
Тарроҳ: Умаров Комрон
Мусаҳҳеҳ: Таманно

Дар матбааи «Мега Принт» ба табъ расидааст.

МУАССИС: ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО. НИШОНӢ КӮЧАИ РӮДАКӢ 139 ТЕЛ: 985-11-06-34